**Тақриз**

**ба автореферати Шаробова Маҳбуба Қурбонмадовна таҳти унвони «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод мегардад.**

Ғазал яке аз қадимтарин, машҳуртарин ва густурдатарин жанрҳо дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аст, ки шояд ягон масоили дигари адабиёт то ба ин ҳад мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор нагирифта бошад. Шоирони муосири тоҷик бо таъсирпазирӣ аз шуарои гузашта дар сурудани жанри ғазал муваффақ будаанд, вале тибқи гуфтаи диссертант жанри мазкур дар ҳавзаи адабии Кӯлоби ибтидои асри XX тақрибан номаънус гардида буд. Инчунин, муаллифи рисола, қотеона иброз медорад, ки саҳми Сомеъ Одиназода ва Сайидалӣ Врлизода дар инкишофи жанри ғазал дар доираи адабии Кӯлоб бисёр бориз аст. Баъдан, шоироне амосоли Ашур Сафар, Сайидҷон Ҳакимзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ ва дигарон ин анъанаро идома додаанду ба рушди бештари жанри ғазал ноил гардидаанд. Дар рисола муаллиф бо шавоҳиди муътамади илмӣ баён медорад, ки Ашур Сафар нисбати шоирони ҳавзаи мазкур дар сурудани ғазал ҳам аз назари лафзу маъно ва ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво аз мақому мартабаи болотаре бархӯрдор буд. Аз ҳамин лиҳоз, диссертатсияи М. Шаробова ба мавзуи **«Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар»** бахшида шуда, барои муаррифӣ ва мушаххас сохтани ҷилваҳои ҳунарӣ ва маҳорати шоирии Ашур Сафар мусоидат менамояд.

Диссертант дар таълифи диссертатсия аз усулу равиши таърихӣ-муқоисавӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳлили сохтори асари бадей ва консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо истифода намуда, аз таҳқиқоти муҳаққиқони соҳибноми дохилию бурунмарзӣ, ҳамчун И. С. Брагинский, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, А. Абибов, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А.

Ҳакимов, Р. Мусулмониён, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзода, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Кӯчарзода, Р. Ваҳҳобов, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Маҳмуд Ибодиён, Алиасғари Шеърдӯст, Шафеии Кадканӣ, Муаззама Иқболӣ ва амсоли инҳо суд ҷустааст.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, сездаҳ фасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо иборат буда, рисоланавис бо диду назари тоза, корбурди манобеи муҳими адабиву илмӣ, муқоисаву муқобалаи афкори назарияпардозонро оид ба жанри ғазал бо далоили муътамад дар сурудаҳои Ашур Сафар маврид пажӯҳиш қарор додааст.

Унвонҷӯ дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана мувофиқи талаботи муқарраршуда роҷеъ ба аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф сухан дар миён гузоштааст.

Боби аввали диссертатсия - **«Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти Ашур Сафар»** унвон дошта, аз се фасл «Нашри ғазалҳои Ашур Сафар дар матбуоти даврӣ», «Мавқеи жанри ғазал дар маҷмуаҳои ашъори шоир», «Устухонбандӣ ва бандубасти мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар» иборат мебошад.

Боби дувуми рисолаи мавриди назар **«Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар»** номгузорӣ шуда, дорои панҷ зербоб: «Мавзуи Ватан ва сулҳу ваҳдат дар ғазалиёти Ашур Сафар», «Мавзуи ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Ашур Сафар», «Бузургдошти зан-модар дар ғазалиёти Ашур Сафар», «Мавқеи панду ҳикмат дар ғазалиёти Ашур Сафар» ва «Мавзуи ҳаҷв дар ғазалиёти Ашур Сафар» аст.

Диссертант боби сеюми диссертатсияи хешро **«Хусусиятҳои поэтикӣ ва сабкии ғазалиёти Ашур Сафар»** ном ниҳода ба ду фасл: «Хусусиятҳои поэтикии ғазалҳои Ашур Сафар» ва «Хусусиятҳои сабкии ғазалҳои Ашур Сафар» дастабандӣ кардааст.

Боби чаҳоруми диссертатсия бошад **«Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ашур Сафар»** ном дошта, се фаслро «Мавқеи тамсил дар ғазалиёти Ашур Сафар», «Нақши талмеҳ дар офаридани мазмунҳо» ва «Нақши дигар санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар» дар бар мегирад.

Навгонии илмии диссертатсияи мазкур дар он аст, ки аввалин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик мабоҳиси поэтикӣ, вижагиҳои ғоявию мавзуӣ, хусусиятҳои бадеӣ, сабкии ғазалиёти Ашур Сафар мавриди таҳқиқоти густардаи илмӣ қарор дода мешавад.

Диссертант доир ба мавзуи мавриди назар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир намудааст. Маводи чопии муаллиф нуктаҳои асосӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро мунъакис карда, саҳми шахсии диссертантро тасбит мекунанд.

Хулосаи фишурдаи диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмадова натиҷагириҳо ва муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант буда, дар 12 банд ба таври дақиқ оварда шудаанд. Дар охири ҳар банди хулоса мақолаҳои мунташирнамудаи диссертант нишон дода шудааст, ки аз интишори натиҷаҳо ва татбиқи амалии нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар фасли аввали боби якум роҷеъ ба мавқеи жанри ғазал дар адабиёти муосири тоҷик то замони Ашур Сафар маълумот дода, баъдан ба баррасии ҷойгоҳи жанри ғазал дар эҷодиёти ин шоир мепардохт.

2. Сарчашма ва саҳифаи иқтибосҳои диссертатсия хуб мебуд, ки дар поварақ ишора мегардид.

3. Дар фасли аввали боби сеюм, ки муаллиф “Поэтикаи ғазалиёти Ашур Сафар”-ро дар доираи корбурди вазни арӯз ва қофияву радиф баррасӣ кардааст, бештар маълумот роҷеъ ба вижагиҳои корбурди қофияву радиф додааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки роҷеъ ба корбурди вазн ҳам мисолҳои бештар меоварда.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Шаробова Маҳбуба Қурбонмадовна** таҳти унвони **«Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Азизов Сорбон
**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
кӯчаи Баҳор, хонаи 2, ҳуҷраи 48.
Тел: (+992) 92 6169716
**E-mail:** sorbon-1987@mail.ru

Имзои Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Наврӯзов Эҳсон
«29»-уми августи соли 2023

**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
e-mail: rector@hgu.tj Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj